205718 - Дар гузоштани номи "Раҳматуллоҳ" ҳеҷ ҳараҷе нест.

савол

Номи падарам "Руҳуллоҳ" ва номи ман "Раҳматуллоҳ" мебошад. Оё дар Ислом бо ин номҳо номгузорӣ кардан раво аст, ё мо бояд онро ба номҳои муносиб иваз кунем? Ба ман гуфта шуд, ки тағйир додани он мустаҳаб мебошад.

Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ҳукми гузоштани номи "Руҳуллоҳ" ва номашрӯъ будани он дар ҷавоби саволи (203851) қаблан баён карда шуд.

Аммо дар мавриди гузоштани номи "Раҳматуллоҳ" ҳеҷ ҳараҷе нест.

Мо ин саволро ба Шайх Абдурраҳмон Ал-Баррок (Аллоҳ таъоло ӯро ҳифз кунад) пешниҳод кардем, ӯ дар ҷавоб гуфт: Иваз кардани номи "Руҳуллоҳ" воҷиб мебошад, аммо иваз намудани номи "Раҳматуллоҳ" воҷиб намебошад, зеро шояд ин раҳмат бошад.

Аллоҳ донотар аст.